**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

**аз «1» мая соли 2020** **№ 107** **ш. Душанбе**

Оид ба радкунии додани
унвони илмӣ

Мутобики банди 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504), бандҳои 121 ва 122 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016, № 505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дархостномаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ аз 27 январи соли 2020, №51/128 оид ба дарёфти унвони илмии профессор аз рӯйи ихтисоси Забоншиносӣ ба Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло бинобар риоя нагардидани сархати 6 банди 125 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) рад карда шавад.
2. Фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба ухдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Комиссия оид ба баррасии парвандаҳои аттестатсионии довталабони унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2020, суратҷаласаи №4.

Раис А.Розиқзода